# ТАҚРИЗИ

мукарризи расмӣ ба рисолаи Одилзода Дилбар Раҳим дар мавзуи «Шароитҳои иҷтимоӣ-педагогии тарбияи ватандӯстии наврасон тавассути этнопедагогика (педагогикаи халқӣ)» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.05 – Назария, методика ва ташкили фаъолияти фарҳангӣ – иҷтимоӣ (13.00.05.03 – Педагогикаи иҷтимоӣ ва худшиносӣ) пешниҳод шудааст.

*Мутобиқати диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ*

Мавзуъ ва мазмуни диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси 13.00.05 – Назария, методика ва ташкили фаъолияти фарҳангӣ-иҷтимоӣ (13.00.05.05 – Педагогикаи иҷтимоӣ ва худшиносӣ) мувофиқ аст: банди 1 – Методикаи омӯзиши ҷомеашиносӣ – фаъолияти фарҳангӣ ва иҷтимоию педагогӣ, аз ҷумла моҳият, сохтор, вазифаҳо, принсипҳои онҳо; банди 2 – Тадбиқи равишҳои методологӣ дар омӯзиши фаъолияти иҷтимоӣ-педагогӣ (дар муассисаҳои таълимӣ ва фарҳангӣ) ва банди 4 – Сифати ташкили фаъолияти иҷтимоию фарҳангӣ (технология ва усулҳои баҳодиҳии сифати фаъолияти иҷтимоию фарҳангӣ ва иҷтимоию педагогӣ: меъёрҳо, нишондиҳандаҳо, нишондиҳандаҳои баҳодиҳии сифати фаъолияти иҷтимоию фарҳангӣ ва иҷтимоию педагогӣ, назорат ба сифати чорабиниҳои иҷтимоию маданӣ) мувофиқ аст.

*Мубрамияти мавзуи таҳқиқоти* диссертатсионии Одилзода Дилбар Раҳим аз омилҳои зерин бармеоянд:

- асосноккунии вазифаҳои тарбияи ватандӯстӣ, ки дар ҷомеаи муосир зарурияти амалигардонии онҳо аз талаботи санадҳои меъёрӣ-ҳуқуқӣ ва стандартҳои таълимии фаннӣ ва барномавӣ-методии зинаҳои таҳсилотии кишвар сарчашма мегирад.
- пешниҳод намудан ва амалӣ гардондани андешаҳои консептуалӣ оид ба истифодаи педагогикаи мардумӣ-этнопедагогика дар тарбияи ватандӯстӣ дар наврасон, ки чунин марҳилаи синнусолӣ дар тарбия ва шаклгирии шахсияти инсон хусусиятҳои ба худ хос дорад;
- ошкор сохтани нерӯи педагогикаи халқӣ ҳамчун натиҷаи таҷрибаи таърихӣ-тарбиявии халқи тоҷик, ки тули садсолаҳо таҳия, такмил ёфта дар ҷомеаи кунунии Тоҷикистону тоҷикистониён ҳамчун воситаи тарбияи ватандӯстии наврасон хизмат карда метавонад;
- омилҳои этнопедагогӣ қонуниятҳои фаъолияти таълиму тарбиявӣ, хусусиятҳои миллӣ, халқию қавмии инсонро фаро гирифта, онҳо ба ҳиссиёт, шуур ва рафтори наврасону ҷавонон таъсир мерасонанд ва ба ташаккули сифатҳои маънавӣ-ахлоқӣ, махсусан ватандӯстии онҳо таъсир мерасонанд.

Дар раванди кори таҳқиқотӣ муҳаққиқ Одилзода Дилбар Раҳим тарбияи ватандӯстии наврасонро ҳамчун масъалаи иҷтимоӣ, психологӣ ва педагогӣ

мавриди омӯзиш, таҳлилу таҳқиқот қарор дода кӯшиш намудааст онро ҳамчун системаи бо ҳам алоқаманд ва ягона дар низоми таҳсилот баррасӣ намояд. Чунки муҳити тез тағйирёбанда ва бо суръати тез инкишофёбии муносибатҳои байни одамон, намояндагони қавму миллатҳои гуногуни дар Тоҷикистон зиндагикунанда истифодаи омилҳои этнопедагогӣ дар таълиму тарбияи ватандӯстӣ, муносибати махсус ва таҳаммулпазириро талаб мекунад. Бояд ҳамаи онҳо дар таҳкими ваҳдати миллӣ ва якпорчагии Тоҷикистон, нигоҳдории муносибатҳои дӯстонаи таърихан муқарраршуда кӯшиш намоянд, онҳоро афзун гардонанд. Дуруст таъкид карда шудааст, ки дар тарбияи наврасону ҷавонон бояд аз арзишҳои олии маънавӣ-ахлоқӣ, ғояҳо, равандҳо, падидаҳои иҷтимоии таъсиррасонии мақсадноки тарбияи ватандӯстӣ истифода бурда шаванд.

Муҳаққиқ кӯшиш намудааст дастгоҳи илмии кори таҳқиқотии худро мувофиқ ба мавзуъ, мақсаду вазифаҳои таҳқиқотӣ банду баст намуда нуқтаҳои назариявию амалии бо ҳамдигар мантиқан алоқамандро омӯзад ва амалӣ гардонад. Маълум аст, ки таҳқиқи ҷабҳаҳои илмӣ, методологӣ ва арзишмандии педагогикаи халқи тоҷик баъди соҳибистиқлол гаштани Тоҷикистон зиёдтар мавриди таваҷҷуҳи пажӯҳишгарон қарор гирифт, ки ин дар таҳқиқоти мазкур низ махсус мавриди таҳлилу баррасӣ гардидааст.

Чунин амал ба муҳаққиқ имконият додааст, дар раванди таҳқиқот ба масъала аз нигоҳи иҷтимоӣ, яъне характери фарҳангӣ-таърихӣ доштани педагогикаи халқӣ, ҷабҳаҳои психологӣ-педагогии он ягонагии таъсиррасонии мақсадноки тарбиявиро ба ҳиссиёт, шуур ва рафтори наврасону ҷавонон дар робитаи байниҳамдигарӣ мавриди таҳқику баррасӣ қарор гирад. Ҳангоми коркард ва баррасии фарзияи таҳқиқот, нуқтаҳои ба дифоъ пешниҳодшаванда ҷанбаҳои фалсафӣ-таърихӣ ва шароитҳои психологӣ-педагогии тарбияи ватандӯстӣ ва таъсири омилҳои этнопедагогӣ ба ин раванд таъкид гардида дар рафтори таҳқиқот хусусиятҳои психологию синнусолии инкишофи наврасон ба ҳисоб гирифта шудааст.

Роҷеъ ба *навгонии кори таҳқиқотии* Одилзода Дилбар Раҳим чунин нуктаҳои арзишмандро арзёбӣ намудан мумкин аст: дар заминаи омӯхтану таҳлили асосҳои назариявӣ-педагогӣ ва методологии тарбияи ватандӯстии наврасон тавассути омилҳои этнопедагогӣ муайян карда шудааст, ки баҳисобгирии хусусиятҳои синнусолии наврасон хеле муҳим аст. Чунки ин давра давраи гузариш ба аёми хурдсолӣ ба аёми наврасӣ аст, ки он дар ҳар як наврас бо хусусиятҳои ба худ хоси фардӣ ва ҷинсӣ (писарҳо, духтарҳо) ба вуҷуд меояду дар шаклҳои махсус зоҳир мегардад. Исбот гардидааст, ки зарбулмасалу мақолҳо, шинос намудан бо амалу симои қаҳрамонони халқи тоҷик дар ташаккули ватандӯстии онҳо аҳмияти махсус дорад. Таҳия ва амалигардонии амсилаи «Тарбияи ватандӯстии наврасон бо истифода аз омилҳои этнопедагогӣ» самарабахшии арзишҳои маънавӣ-ахлоқии халқи тоҷикро исбот намуда имконпазирии минбаъд амалигардонии чунин роҳу усулҳоро аз тарафи омӯзгорони муассисаҳои таҳсилотӣ, волидон, созмонҳои

талабагӣ ва ғайраҳоро имконпазир мегардонад. (Г.Н.Волков, Ш.М.Х.Арсалиев, Б.Рахимов, А.Нуров ва дигарон).

Бояд қайд кард, ки дуруст тақсим кардани вақт барои марҳилаҳои кори таҳқиқотӣ (аз солҳои 2020 то 2024), таҳлили маводҳои назариявӣ, асосҳои методологии (ҳуҷҷатҳои меъёрӣ-ҳуқуқии соҳаи маориф), таҷрибаи фарҳангӣ-таърихии халқи тоҷик оид ба тарбияи ватандӯстӣ, таҳқиқотҳои олимони ватанию хориҷӣ, суханронӣ ва Паёмҳои Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии кишвар оид ба масъалаҳои рушди маориф, махсусан тарбияи ватандӯстии насли наврас, таҷрибаи тарбиявии халқ ва зарурияти тарбияи ватандӯстӣ дар насли наврас дар замони муосир муҳаққиқ кӯшиш намудааст кори таҳқиқотии хешро ба анҷом расонад.

Методҳои назариявӣ ва амалии интихобнамуда ва истифодакарда ба муаллиф имконият додааст ба натиҷаҳои дилхоҳ кори таҳқиқотӣ ноил гардида амалӣ гардидани мақсаду вазифаҳо, коркарду пешниҳоди хулосаи илмӣ, тавсияҳои методиро барои истифодаи натиҷаҳои таҳқиқот ба омӯзгорони муассисаҳои таҳсилотию волидон коркард ва пешниҳод намояд.

*Аҳамияти назариявии* кори таҳқиқотии мазкурро чунин арзёбӣ намудан мумкин аст, ки донишҳо, тасаввуротҳо, таҷрибаҳои этнопедагогӣ, ки халқи тоҷик тӯли садсолаҳо ҳосил намудааст ва дар шароитҳои гуногуни иҷтимой-фарҳангӣ аз насл ба насл дода мешаванд, онҳоро вобаста ба шароиту имкониятҳои иҷтимой-фарҳангӣ бо таври эҷодӣ истифода бурдан мумкин аст.  Ин арзишҳои фарҳангӣ, таърихӣ, иҷтимоӣ дар дарк намудану амалӣ гардондани мафҳуми Ватан, ватандӯстӣ, худшиносии миллӣ, донистани асосҳои иқтисодиву сиёсӣ ва ҳуқуқию иҷтимоии давлат, махсусан дар замони соҳибистиқлолии кишвар хеле муҳим мебошанд.

*Аҳамияти амалии таҳқиқоти илмӣ* оид ба тарбияи ватандӯстӣ тавассути омилҳои этнопедагогӣ дар пешрафти технологияҳои иттилоотӣ ва коммуникатсионӣ, ки метавонад беохир бо воситаи наворҳои намоишӣ, воситаҳои шифоҳӣ ба шуур, ҳиссиёт, рафтори хурдсолону наврасон, ҷавонону калонсолон таъсиргузор ҳастанд, саривақтӣ ва муҳим аст. Ин омилҳо дар муҳити хонавода, муассисаҳои таҳсилотӣ, истифодабарандагони худро интихоб намекунанд, балки худи истифодабарандагон аз онҳо истифода намуда вақт ва имкониятҳои донишомӯзӣ, ҳатто саломатии равонию ҷисмонӣ, вақти пурарзиши худро қурбон мегардонанд.

Бинобар ин, таҳқиқот оид ба масъалаи тарбияи ватандӯстӣ тавассути омилҳои этнопедагогӣ муҳим буда, метавонанд замина ба таҳқиқотҳои сотсиологӣ, фарҳангшиносӣ, психологӣ, иҷрои вазифаҳои тарбия ва ташаккули ҳиссиёт, тасаввурот, амалу рафторҳои ватандӯстӣ бо таври комплексӣ таъмин карда мешаванд. Дар таҳқиқот маҷмуи шароиту имкониятҳои истифодабарии омилҳои этнопедагогӣ пешниҳод карда шудаанд, аз онҳо омӯзгорони ҳамаи зинаҳои таҳсилотӣ метавонанд истифода, бурда сатҳу сифати фаъолияти касбии худро такмил диҳанд.

*Дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои кори таҳқиқотӣ* аз мавқеи методологию иҷтимоии кори таҳқиқотӣ, интихоб ва таҳлилу баррасии зарурияту имконияти тарбияи ватандӯстии наврасон, аз тарафи волидону омӯзгорони онҳо бармеояд. Бинобар ин, муҳаққиқ бо истифода аз методҳои назариявию таҷрибавӣ дар шароити муосири иҷтимоию педагогӣ тарбия намудани сифати ватандӯстиро тавассути омилҳои этнопедагогӣ амалӣ гардонда, эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқотро таъмин намудааст.

*Саҳми шахсии довталаби илмӣ дар таҳқиқот* дар самтҳои зерин ифода гардидааст: асосноккунии назариявӣ ва амалии масъалаи таҳқиқшаванда аз нигоҳи иҷтимоӣ, фарҳангӣ, психологӣ ва педагогӣ. Муҳаққиқ дар рафти иҷрои кори таҳқиқотӣ ба ҷанбаҳои амалии этнопедагогӣ такя намуда, имконияти омилҳои этнопедагогиро дар шароити кунунии иҷтимоӣ-педагогӣ таҳлилу баррасӣ намудааст. Зарурияти тарбияи ватандӯстӣ бо истифода аз омилҳои этнопедагогӣ, ки дар таҳқиқоти мазкур пешниҳод гардидааст, саривақтӣ буда, он дар таҳқиқу пешрафти масъалаҳои педагогикаи халқи тоҷик, фарҳанги истифодаи таҷрибаи иҷтимоӣ-таърихии ниёгон мусоидат менамояд. Омӯзгорони МТМУ, волидони хонандагони наврас метавонанд бо таҳлилу такмилдиҳии амсилаи пешниҳодшуда муҳаққиқ бо таври эҷодӣ муносибат ва корбарӣ намуда дар иҷтимоишавӣ ва тарбияи ватандӯстии наврасон ба пешравиҳо ноил гарданд.

Диссертатсияи Одилзода Дилбар Раҳим мувофиқ ба иҷрои корҳои илмӣ-таҳқиқотӣ барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз се боб, шаш зербоб, хулоса, тавсияҳои методӣ, рӯйхати адабиётҳои истифодашуда ва замимаҳо иборат мебошад.

Дар муқаддима мубрамият, аҳмият, дараҷаи таҳқиқи мавзуи илмӣ, мақсаду вазифаҳои таҳқиқот, объекту мавзуи он, марҳилаҳо, асосҳои назариявию методологӣ, сарчашмаҳои маълумот, заминаҳои эмпирикии таҳқиқот, навгониҳои илмӣ ва нуктаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда, аҳмияти назариявию амалӣ, дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқот аз ҷиҳати илмӣ дуруст ва қаноатбахш муайян карда шудаанд.

*Дар боби аввал* – «Тарбияи ватандӯстӣ ҳамчун масъалаи иҷтимоӣ ва психологӣ-педагогӣ» аз ду зербоб иборат буда, онҳо мантиқан давоми ҳамдигар мебошанд.

*Зербоби якум* таҳлилу баррасии «Асосҳои назариявӣ, педагогӣ ва методологии тарбияи ватандӯстии наврасон дар ҷомеаи муосир»- ро фаро гирифтааст. Муҳаққиқ ба раванди ягонаи ҷаҳонишавӣ ворид гардидани Тоҷикистонро раванди объективӣ ҳисобида зарурияти дар ҷараёни кори таълиму тарбиявӣ ташаккулдиҳии сифатҳои шахсиятии одамонро ҳамчун нигоҳи нав бо арзишҳои маънавӣ-ахлоқӣ пешниҳод намудааст. Таъкид гардидааст, ки дарку истифодаи унсурҳои илмӣ-консептуалии тарбияи ватандӯстии наврасон ба ташаккулёбии шахсияти соҳиби ҳиссиёту сифатҳои ватандӯстӣ, устувор бо ақидаю андешаҳои инсонгароиву таҳаммулпазирӣ, ҷаҳоншиносию ҷаҳоногоҳӣ мусоидат мекунад. Он аз муҳаббат ба «ватани

кучак» - оила оғоз гардида аз нигоҳи фалсафӣ минбаъд ҳамчун шакли шуури ҷамъиятӣ шакл мегирад. Он дар мазмун ва мундариҷаи фаъолияти шахс зоҳир мегардад. Дар ашъори фалсафӣ, адабӣ-педагогии классикони адабиёти тоҷику форс ғояҳои ватандӯстӣ бо тарзу услуби хос ва қолаби тафаккури ҳамон замона ифода гардидааст. Асосҳои илмӣ, таърихӣ, иҷтимоӣ ва сиёсии тарбияи ватандӯстии халқи тоҷик дар асари Б.Ғафуров «Тоҷикон: таърихи қадимтарин, қадим, асрҳои миёна ва давраи навин» (1972-2020) ифода гардидаанд. Арзишмандии фасли якуми боби аввал иборатанд аз таснифи шарҳдиҳии сабабҳои афзоиши таваҷҷуҳ ба тарбияи ватандӯстии наврасон тавассути омилҳои этнопедагогӣ; баррасии мазмун, вазифаҳо, принсипҳо, самтҳо, сифатҳои тарбияи ватандӯстӣ ва сохтори таркибии он, ки тибқи талаботи ҳуҷҷатҳои меъёрӣ-ҳуқуқӣ аз нигоҳи фалсафӣ, таърихӣ, сотсиологӣ, сиёсӣ, фарҳангӣ, психологӣ, педагогӣ, иҷтимоӣ шарҳ дода шудаанд. Инчунин таҳқиқи илмии ин масъала дар илми педагогикаи ватанӣ аз тарафи олимон то чи андоза баррасӣ гардидааст.

*Дар зербоби дуюми боби аввал* «Этнопедагогика (педагогикаи халқӣ) ҳамчун воситаи тарбияи ватандӯстӣ бо баробари тавзеҳи асосҳои иҷтимоии омилҳои этнопедагогӣ мавқеи меҳварӣ доштани консепсияи тарбияи муҳаббат ба оила, зодгоҳ, Ватан дар педагогикаи халқу миллатҳои гуногуни дунё таъкид гардидааст. Он этнопедагогика вижагиҳои характери миллиро ифода намуда зарурияти истифодаи он дар тарбияи ватандӯстии наврасон аз мавқеи махсусро ишғол намудани ватандӯстӣ ҳамчун ҷузъи таркибии тарбияи маънавӣ-ахлоқӣ бармеояд. Махсусан, баъди соҳибистиқлол гардидани Тоҷикистон зарурияти тарбияи ватандӯстии наврасон бо истифода аз омилҳои этнопедагогӣ мубрамияти ба худ хосро пайдо кард. Дуруст таъкид гардидааст, ки асоси меҳварии этнопедагогикаро тарбияи миллӣ ташкил медиҳад, ғояи муҳимтарини он дар шароити кунунии кишвар ватандӯстӣ мебошад. Барои иҷрои вазифаҳои тарбияи ватандӯстӣ дар ҳамаи зинаҳои таҳсилот, махсусан таҳсилоти миёнаи умумӣ таъмин намудани шароитҳои иҷтимоӣ-педагогӣ нақши муҳим доранд.  Арзишмандии ғояҳо, роҳу усулҳо, воситаҳои таъсиррасонии мақсаднок барои тарбия ва ташаккули ватандӯстии насли наврас аз этнопедагогика аз таҷрибаи таърихию тарбиявии халқ сарчашма гирифтааст. Чи тавре ки, яке муҳаққиқони шинохтаи соҳаи этнопедагогика Г.Н.Волков таъкид менамояд «меҳру муҳаббат аз насл ба насл маҳз дар этнопедагогика дода мешавад».

*Дар боби дуюми* «Ватандӯстӣ ҳамчун сифати маънавӣ-ахлоқӣ ва хусусиятҳои тарбияи он дар наврасон» мавриди таҳқиқот қарор дода шудааст. *Дар зербоби аввали он* «Тарбияи ватандӯстӣ ҳамчун сифати маънавӣ-ахлоқӣ ва заминаҳои шаклгирии он» номгузорӣ ва ҷиҳати назариявӣ он таҳлилу баррасӣ карда шудааст. Таъкид гардидааст, ки дар пайдоиш, рушд, таҳаввули ғояҳои ватандӯстӣ мутафаккирони адабиёти форс-тоҷик нақши муҳим гузоштаанд. Мувофиқ ба мақсаду вазифаҳои таҳқиқотӣ муҳаққиқ сохтори таркибии ватандӯстиро ҳамчун категорияи маънавӣ-

ахлокӣ дар зерхати ташаккули дониш, тасаввуроту ҷаҳонбинӣ, ҳиссиёт, эҳсосоту муҳаббат ва сифатҳои иродавии характер хеле хуб баррасӣ карда шудаанд ва дар ин раванд нақши волидайн ва омӯзгорони МТМУ махсус пайгирӣ гардидаанд.

*Дар зербоби дуюми боби дуюм* «Хусусиятҳои тарбия ва ташаккулёбии ватандӯстӣ дар наврасон» маводи таҳқиқотӣ дар заминаи таҳлили таҳқиқотҳои психологӣ-педагогии олимон (И.Л.Божович, Д.И. Фелодштейн, Т.В.Ермолова, Л.Ф.Обухова, Б.Рахимов, А.Нурзода, М.Мамадносирова ва дигарон), мушоҳида, суҳбат бо наврасону волидон, омӯзгорони МТМУ коркард ва баррасӣ шудаанд. Махсусан, таъсири дигаргуниҳои психофизиологӣ, ки дар наврасон дар айёми гузариш аз марҳилаи хурдсолӣ ба наврасӣ ба вуҷуд меоянд, махсус таъкид гардидааст.

Муҳаққиқ дар заминаи таҳлили таҳқиқотҳои олимони хориҷӣ, махсусан Л.С.Виготский, А.Н.Леонтев, Жан Пиаже, И.Л.Божович ва дигарон нишон медиҳад, ки худшиносии наврасон на танҳо ба дигаргуниҳои психофизиологӣ (бо балоғатрасии ҷинсӣ), аз шаклгирии талаботҳои ахлоқии онҳо бармеояд, балки яке аз аломатҳои ба худ хоси ин марҳилаи инкишофи синнусолӣ худро шинохтан, бо дигарон муқоиса намудан, ба амалҳои худ баҳо додан мебошанд. Дар ин давра ғояҳои иҷтимоӣ-сиёсии онҳо зери таъсири муҳити таҳсилотӣ, хонавода, васоити ахбори умум шакл мегирад ва онҳо тезтағйирёбанда мебошанд. Дар таълим ва тарбияи наврасон дар хонавода, мактаб ва ҷомеа созмонҳои талабагӣ, чорабиниҳои тарбиявии беруназдарсӣ ва ғайраҳо таъсиргузор мебошанд, ки дар ташкилу баргузории онҳо наврасон ба муоширату муносибатҳои иҷтимоӣ ворид гардида сифатҳои иродавӣ, донишу тасаввуротҳои худро такмилу тағйир медиҳанд.

*Дар боби сеюм*, ки он «Технологияи истифодаи этнопедагогика дар тарбияи ватандӯстии наврасон» номгузорӣ гардидааст ва роҳу усулҳои тарбияи ватандӯстӣ тавассути истифодаи омилҳои этнопедагогикӣ мавриди санҷиши кори озмоишӣ-таҷрибавӣ қарор дода шудааст.

*Зербоби аввали боби сеюм* ба масъалаи муайян кардани «Вазъи истифодаи омилҳои этнопедагогӣ дар тарбияи ватандӯстии наврасон дар муассисаҳои таҳсилотӣ» бахшида шудааст. Дуруст таъкид гардидааст, ки масъалаи коркарду истифодаи кулли технологияҳои педагогӣ печида, давомдор ва доимо тағйирёбанда буда, технологияи этнопедагогӣ ҷузъҳои (компонентҳои) методологӣ, ташхисӣ иттилоотии технологияҳои мураккабро дар бар мегирад. Ба андешаи мо боз он вобаста ба объекту предмет,мақсаду мавзуи таҳқиқот, моҳият, принсип ва мазмуни худро дорад. Муҳаққиқ дуруст таъкид менамояд, ки ҳангоми истифодаи омилҳои этнопедагогӣ кӯдакону наврасон худро дар муҳити солиму ҳаловатбахши хонаводагӣ ва муассисаи таҳсилоти ҳис намуда эҳсосоти бакамолрасӣ, аъзои гурӯҳи хурду бузургсол буданро ҳис менамоянд, таҷрибаи иҷтимоии насли калонсолонро аз худ менамоянд. Вазъи истифода ва таҳқиқи чунин омилҳои этнопедагогӣ – мероси адабӣ-педагогии классикони адабиёти тоҷику форс, бозиҳои

серҳаракати миллӣ, одату анъанаҳои мардумӣ, ривояту достонсарой, шинос намудан ба рамзҳои давлатии Тоҷикистон – Суруди миллӣ, Парчам ва Нишони давлатӣ, қаҳрамонони Тоҷикистон ба масъалаи шинос намудан бо қаҳрамонони халқи тоҷик ва истифодаи зарбулмасалу мақолҳои халқӣ таваҷҷуҳи хоса дода шудааст.

Ташкилу баргузории пурсишнома бо омӯзгорону волидон ба муҳаққиқ имконият додааст нақши зарбулмасалу мақолҳоро дар тарбияи ватандӯстии хонандагон муайян намуда, муҳтавои ҷавобҳоро дар ҷадвал пешниҳод намояд.

Дар тарбияи ватандӯстии наврасон баҳисобгирии таҳаммулпазирии этникӣ зарур аст, зеро Тоҷикистон кишвари сермиллату соҳибфарҳанг буда, чун анъанаи хоси шарқиёна калонсолон аз зарбулмасалу мақолҳо бо забонҳои милли худ дар тарбияи ватандӯстии наврасон истифода мебаранд, ки онҳо маъно, мазмун ва муҳтавои ягона доранд. Гурӯҳбандии методҳои шифоҳӣ, ки дар фаъолияти тарбиявии омӯзгорони фаннӣ, роҳбарони синф ва волидон чун омили этнопедагогии таъсиррасонӣ истифода мебаранд, дар ҷадвал пешниҳод гардидаанд.

*Зербоби дуюми боби сеюм* «Ҷамъбасти озмоишӣ-таҷрибавӣ»-ро фарогир мебошад. Ҳангоми ташкилу баргузории кори таҳқиқотӣ, аз он ҷумла корҳои озмоишӣ-таҷрибавӣ муаллиф ба методҳои таҳқиқотии умумипедагогӣ ва этнопедагогӣ, сарчашмаи таҳқиқоти этнопедагогӣ такя намудааст. Бо мақсади муайянсозии истифодаи зарбулмасалу мақолҳо, панду насиҳат, суҳбат, андарзҳо аз классикони адабиёти тоҷик, нақлу ривоят оид ба қаҳрамонони халқи тоҷик дар тарбияи ватандӯстии хонандагон, дар муассисаҳои таҳсилотии пойгаҳӣ бо омӯзгорон, волидони хонандагони гурӯҳҳои назоратӣ ва озмоишӣ бо истифода аз саволҳо пурсишнома гузаронида муҳаққиқ натиҷаҳои муайянро ноил гардидааст. Ҳангоми таҳлилу баррасии натиҷаҳо синну сол ва таҷрибаи ҳаётии пурсидашуда, сатҳи маълумоту ҷаҳонбинӣ, иштирок дар фаъолияти меҳнатӣ ва синнусоли оиладорӣ, ҳайати аъзоёни оила ва макони зист (шаҳр, деҳа) ва муҳимтарин дарки зарурияти иҷрои вазифаҳои ватандӯстӣ дар онҳо ба ҳисоб гирифта шудаанд. Натиҷаи бадастомада дар диаграмма тасвир ёфтааст.

Бо мақсади мустаҳкам ва васеъ гардондани донишу маълумотҳои хонандагон оид ба қаҳрамонони гузаштаи халқи тоҷик вақту макон ва амалҳои ҷавонмардонаю ҷоннисориҳои ғояҳои ватандӯстиву ватанхоҳии онҳо (иборат аз 20 нафар) дар шакли ҷадвал мавод пешниҳод гардидааст. Роҷеъ ба қаҳрамонони пешниҳодгардида бо истифодаи роҳу усулҳои гуногун маълумотҳои иловагӣ дода натиҷаи он ҷамъбаст ва дар ҷадвалу диаграмма пешниҳод карда шудаанд. Ба болоравии сатҳи донишҳои хонандагону омӯзгорони муассисаҳои таҳсилотии пойгаҳӣ, волидони хонандагон таъсири таҷрибаи тарбиявии ҳамдигарӣ, фаъолияти иҷтимоӣ ҷалб шудани онҳо ва дигар омилҳои таъсиррасон махсус таъкид гардидаанд.

Дар асоси баҳисобгирии натиҷаҳои таҳқиқот унвонҷӯи маҷмуи хулосаҳои илмӣ ва тавсияҳои методиро ҷиҳати тақвият бахшидан ба раванди тарбияи ватандӯстии наврасон тавассути истифодаи омилҳои этнопедагогӣ пешниҳод намудааст.

Натиҷаҳои таҳқиқоти диссертатсионӣ, ки дар саҳифаҳои нашрияҳои илмии тақризшавандаи феҳристи тавсия намудаи КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон 6 номгӯй, 1 дастури таълимӣ-методӣ, 5 номгӯи мақолаҳо дар маҷмуаи маводи конференсияҳои байналмилалӣ ва ҷумҳуриявӣ ба табъ расидаанд.

*Мутобиқати барасмиятдарории кори диссертатсионӣ* ба талаботи КОА ба таҳияи диссертатсия ва автореферат ба талаботи Дастурамал оид ба тартиби барасмиятдарории диссертатсияҳо барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) – доктор аз рӯи ихтисос, номзади илм ва доктори илм, авторефератҳо ва мақолаҳои илмии чопшуда мувофиқат менамоянд. Автореферати диссертатсия мазмуни мухтасари диссертатсияро ифода карда оид ба моҳияти кори таҳқиқотии ташкил ва гузаронидашуда, натиҷагии муҳаққиқ аз он маълумоти аниқ медиҳад.

*Эродҳо ба рисолаи илмӣ ва фишурдаи он*

Бо баробари арзёбӣ намудани дастовардҳои илмии таҳқиқоти мазкур, дар диссертатсия ва автореферати он ба як қатор камбудиҳо роҳ дода шудаанд, ки баҳисобгирӣ ва бартарафсозии онҳо дар такмилу давомдиҳии минбаъдаи кори илмӣ ба муҳаққиқ мадад хоҳад расонд. Ба монанди:

1. Хуб мешуд дар таҳқиқот ба ҳамкории муассисаи таҳсилотӣ бо оила дар тарбияи ватандӯстии наврасон зиёдтар аҳамият дода, дар фасли алоҳида пешниҳод мегардид. Маҳз оила оғозу идомаи омилҳои тарбиятии этнопедагогӣ мебошанд.
2. Таҳия ва пешниҳод намудани амсилаи шароитҳои иҷтимоӣ-педагогии тарбияи ватандӯстии хонандагон тавассути омилҳои этнопедагогӣ дар намуди махсус арзиши илмию амалии таҳқиқоти мазкурро зиёд мекард.
3. Ҳангоми баргузории таҳқиқот ба истифодаи технологияҳои иттилоотӣ-иртиботӣ, махсусан маводҳои намоишӣ ҷойи махсус ҷудо кардан, намоишдиҳию таҳлили онҳо дар гузаштаи дуру наздики қаҳрамонҳо ва сифатҳои ҷавонмардию ватандӯстонаи дирӯзу имрӯзро бо ҳам пайваст мекард.
4. Дар матни диссертатсия ва автореферат ғалатҳои имлоию техникӣ роҳ ёфтаанд, ки онҳо ба таҳриру ислоҳнамоӣ ниёз доранд.

Бояд қайд намуд, ки эродҳои зикргардида арзиши илмию амалии таҳқиқоти диссертатсиониро коҳиш намедиҳанд. Бинобарин он кори таҳқиқотии ба анҷомрасида ба ҳисоб меравад. Кори диссертатсионии Одилзода Дилбар Раҳим дар мавзуи «Шароитҳои иҷтимоӣ-педагогии тарбияи ватандӯстии наврасон тавассути этнопедагогика (педагогикаи халқӣ)» кори таҳқиқотии мустақилона иҷрошуда ва анҷомёфта буда, аз рӯи сохтор тибқи

талаботҳо ба кори илмӣ-таҳқиқотӣ барои ноил шудан ба дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ омода гардидааст. Адабиётҳои истифодашуда ба мавзуъ ва масъалаи таҳқиқотӣ мантиқан робита доранд. Мазмуну муҳтавои кори диссертатсионӣ ба ихтисоси интихобшуда мутобиқат менамояд.

Автореферат мазмун ва муҳтавои асосии диссертатсияро дар бар гирифтааст.

Интишороти муҳаққиқ, ки дар саҳифаҳои нашрияҳои тақризшавандаи КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, дастури таълимӣ-методӣ, маҷмуаи маводҳои конференсияҳои байналмилалӣ ва ҷумҳуриявӣ нашр гардидаанд, ба мазмуну муҳтавои кори диссертатсионӣ мувофиқат менамоянд.

## ХУЛОСА

Кори диссертатсионии Одилзода Дилбар Раҳим дар мавзӯи «Шароитҳои иҷтимоӣ-педагогии тарбияи ватандӯстии наврасон тавассути этнопедагогика (педагогикаи халқӣ)» ба талаботҳои пешниҳоднамудаи бандҳои 10-16 «Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ ва унвони илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30.06.2021, № 267 ва таҳрири нави он аз 26.06.2023, № 295 тасдиқ шудааст, ҷавобгӯ мебошад. Муаллифи таҳқиқот Одилзода Дилбар Раҳим сазовор барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯи ихтисоси 13.00.05 – Назария, методика ва ташкили фаъолияти фарҳангӣ-иҷтимоӣ (13.00.05.03 – Педагогикаи иҷтимоӣ ва зудшиносӣ) дониста мешавад.

**Муқарризи расмӣ:**
Доктори илмҳои педагогӣ, дотсент,
директори Муассисаи давлатии таълимии
“Коллеҷи омӯзгории шаҳри Ҳисор” Давлатзода Ҷамила

20.05.2025.

**Маълумот барои тамос:**
**Суроға:** 735020. Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш.Ҳисор, к. Камоли Хуҷандӣ 2А.
Тел: (8 -3139) 25-4-30, Факс: +9928313925430; 907950635.
Элек. почта: koh@koh.tj, kgissl2@mail.ru

Имзои Давлатзода Ҷамиларо тасдиқ мекунам

Сардори шуъбаи кадрҳои
Муассисаи давлатии таълимии
“Коллеҷи омӯзгории шаҳри Ҳисор” Ниёзова З.